آوازتاجیک
*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**26 июни соли 2024 Чоршанбе № 50 (15061)**
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ВКД РУСИЯРО ҚАБУЛ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 25 июн вазири корҳои дохилии Федератсияи Русия Владимир Колоколсевро, ки бо сафари корӣ дар кишвари мо қарор дорад, қабул кард.**



Сарвари давлатамон дар оғози суҳбат ба наздикону пайвандони кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи ҳамлаи террористии ба қарибӣ дар Доғистон содиршуда ҷон бохтанд, изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуд.

Масъалаҳои татбиқи амалии созишномаҳои дар сатҳи олӣ ҳосилгардида баррасӣ шуданд.

Ҷанбаҳои кунунии ҳамкориҳои минбаъда оид ба мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил, инчунин дар соҳаи киберамният ва экспертизаи рақамӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ба масъалаҳои баланд бардоштани самарабахшии механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# МАСЪАЛАҲОИ ОБОДОНИИ МАҲАЛЛАҲО БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 25 июн бо тақдимоти пешниҳодот оид ба таъмини ободонии маҳаллаҳо шинос гардид.***

Дар мамлакатамон тамоми барномаҳо дар дараҷаи маҳаллаҳо ба амал татбиқ мегарданд. Ба ин низом ваколат ва имконоти зиёд дода шудааст. Аз ин боис ободонӣ ва вазъият дар маҳаллаҳо ба талабот бояд ҷавобгӯ бошанд.

Ҳоли ҳозир дар мамлакат қариб 10 ҳазор маҳалла вуҷуд дорад. Аз он қариб се ҳазораш аз иморатҳои бисёрҳуҷра иборат мебошад, ки ба онҳо 821 ширкати идораи хидматрасон хидмат мекунад. Дар беш аз 6400 маҳалла, ки дар онҳо иморатҳои хусусӣ воқеъ гаштаанд, ободонӣ ва кабудизоркунӣ асосан ба тариқи ҳашар анҷом дода мешавад.

Аз ин рӯ, дар чунин маҳалҳо ба вуҷуд овардани ширкатҳои хидматрасонии маҳалла пешниҳод мегардад. Бинобар пешниҳодот, ин ташкилотҳо бо ободонии маҳалла, таъмини покизагии кӯчаву ҷӯйборҳо, ниҳолшинонӣ ва парвариши онҳо машғул хоҳанд гардид. Онҳо инчунин дар бобати таъмири шабакаҳои коммуналӣ, саракунӣ ва кашондани партов дар асоси шартнома хидмат мерасонанд.

Ширкати хидматрасонӣ аз ҷумлаи соҳибкорони соҳибмалака дар асоси қарори шӯрои маҳалла интихоб карда мешавад. Кор дар бобати ободонӣ бинобар фармоиш ва зери назорати маҳалла иҷро мегардад. Барои пардохти хидмати ширкати хидматрасонӣ ба ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳалла ҳар моҳ 20 миллион сӯм ҷудо карда мешавад. Инчунин онҳо метавонанд ба аҳолӣ беш аз 20 намуди гуногуни хидмати иҷтимоии пулакӣ пешниҳод кунанд.

Умуман, ин низом ба маҳалла фараҳнокӣ оварда, маданияти тозагӣ ва дахлдориро дар одамон баланд мебардорад. Устоён ва шаҳрвандони муваққатан бекорро бо шуғл фаро мегирад.

Зимни тақдимот таъкид шуд, ки ширкатҳои хидматрасонӣ аввал дар 208 маҳалла ба сифати озмоиш ташкил карда мешаванд. Пешниҳод гардид, ки бо назардошти натиҷаҳои озмоиш таҷрибаи мазкур дар тамоми маҳаллаҳо татбиқ карда шавад.

**ӮзА.**

# ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ИНКИШОФИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 25 июн бо пешниҳодот оид ба инкишофи соҳаи чорводорӣ шинос гардид.***

Гӯшт, тухм, шир ва маҳсулоти коркарди онҳо дар хӯрокворӣ рӯзмарраи аҳолӣ ҷойгоҳи назаррас ишғол менамояд. Бинобар ин чорабиниҳо оид ба рушди паррандапарварӣ, гусфанд ва бузпарварӣ, инчунин паст кардани танқисии озуқаворӣ андешида мешаванд. Ғайр аз ин, ин соҳаҳо барои бо кор таъмин намудани аҳолӣ ба афзудани даромади он имконоти васеъ фароҳам меоранд.

Барои мисол, соли 2023 дар соҳаи паррандапарварӣ 253 лоиҳа ба амал татбиқ гардида, миқдори чунин хоҷагиҳо ба 1,3 ҳазор расид, 4 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд. Барои лоиҳаҳои истиқболнок ҷалб намудани 420 миллион доллар аз ташкилот ва бонкҳои байналхалқӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар тақдимот шахсони масъул дар бораи стратегияи рушди паррандапарварӣ ва нақшаҳо барои соли ҷорӣ маълумот пешниҳод намуданд.

Аз он ҷумла, таъкид гардид, ки соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли гӯшти парранда аз 700 ҳазор тонна то 800 ҳазор тонна, истеҳсоли тухм аз 8,5 миллиард то 10 миллиард дона зиёд хоҳад гардид.

Дар ин соҳа масъалаи муҳимтарин генетика ба шумор меравад. Дар мамлакатамон репродуктори гӯшти паррандаи навъи якум вуҷуд надорад, гӯшти навъи дуюм аз Венгрия харид карда мешавад.

80 фоизи қарорҳои бозори ҷаҳон оид ба генетикаи паррандаи хоҷагии қишлоқ ба ширкати амрикоӣ рост меояд. Ба нақша гирифта мешавад, ки якҷоя бо он технологияи генетикӣ дар паррандапарварӣ татбиқ гардида, хоҷагиҳои наслпарварӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Инчунин пешниҳодот оид ба татбиқи низоми кластер дар паррандапарварӣ, таҳияи бизнес-лоиҳаҳои омода ва ба соҳибкорон пешниҳод намудани онҳо муҳокима гардиданд.

Имконоти иловагӣ барои дастгирии рушди соҳа муайян карда шуд. Бинобар он корхонаҳои паррандапарварӣ аз андози замин ба муҳлати 5 сол озод карда мешаванд. Ба содир намудани гӯшти парранда иҷозат дода мешавад. Муҳлати бозпас гардондани 35 миллион доллар захираҳои арзоне, ки ба соҳибкорон пешниҳод мегардад, то се сол дароз карда мешавад.

Роҳбари давлат инчунин дар заминаи вусъат додани захираи хӯрока ва мутамарказона ба хоҷагиҳои паррандапарварӣ интиқол додани онҳо супориш дод.

Ҳоло ҳозир дар мамлакатамон 39 хоҷагӣ вуҷуд дорад, ки бо қарокӯлпарварӣ машғул мебошанд. Дар бештар аз 2 миллион гектар чарогоҳ дар вилояти Бухоро 2 миллион сар гусфанд нигаҳбонӣ мегардад. Ин албатта кам аст.

Бинобар ин парвариш намудани гусфандҳои қарокӯлӣ дар асоси ҳамкорӣ бо хоҷагиҳои хонагӣ пешниҳод гардид. Аз он ҷумла, дар ноҳияҳои Қарокӯл, Қаровулбозор, Ғиждувон, Пешкӯ, Ҷондор ва Олот ба аҳолӣ гусфандҳо пешниҳод мегарданд ва инчунин чарогоҳу чоҳҳо ҷудо карда мешаванд. Майдонҳо барои хошоки хӯрока васеъ карда мешаванд.

Бо кумаки чунин чорабиниҳо вазифаи аз 6 то 7 миллион сар зиёд гардондани саршумори гусфандҳои қаро-кӯлӣ гузошта шуд.

Ҳангоми сафари Президент ба вилояти Намангон дар бобати инкишофи бузпарварӣ супоришҳо дода шуда буд. Бинобар ин аз Туркия ва Русия бузҳои зотӣ оварда шуда, кластери бузпарварии зотӣ ба вуҷуд оварда шуд.

Ногузирии бо чунин роҳ, акнун дар асоси таҷрибаи Муғулистон, ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Бухоро, Ҷиззах, Намангон ва Тошканд барои зиёд намудани онҳо 5 ҳазор сарӣ бузҳои зотӣ овардан таъкид гардид. Ин имкон медиҳад, ки дар тӯли ду сол саршумори буз то беш аз 100 ҳазор сар зиёд карда шавад.

Инчунин дар бобати беҳсозии корҳои наслгирӣ дар бузпарварӣ, истеҳсол ва содироти пашми кашмир ва твиди буз низ супоришҳо дода шуд.

**ӮзА.**

# ВОХӮРИИ РАИСИ СЕНАТ БО ШУНАВАНДАГОНИ «МАКТАБИ ЗАНОНИ РОҲБАР»

***Таҳти ҳамкорӣ бо Агентии рушди хадамоти давлатии назди Президент, Академияи идоракунии давлатӣ ва Кумитаи оила ва занон курсҳои махсуси омӯзишии «Мактаби занони роҳбар» ташкил карда шуданд.***

То имрӯз дар асоси ин барнома 100 нафар занон ба таҳсил фаро гирифта шуда, дар мавсими соли ҷорӣ 45 нафари онҳо аз Ҷумҳурии Қорақалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, инчунин аз соҳаҳои гуногуни вазорату идораҳо занони фаъолу ташаббускор интихоб гардидаанд. Бонувон аз 1 апрели соли ҷорӣ дар давоми зиёда аз 2 моҳ дониш ва маҳорати касбии худро дар асоси нақшаи таълим такмил доданд.

Раиси Сенат Танзила Норбоева бо иштирокдорони курси мазкур вохӯрӣ доир намуд. Дар он роҳҳои ба даст овардани комёбиҳои ҷавонзанони пешқадам, рушди иҷтимоию иқтисодии занҳо ва пурзӯр намудани нақши онҳо дар ҷамъият мавриди муҳокима қарор гирифт.

– Мактаби занони роҳбар дар дастгирии пешвоии занон ва васеъ намудани имкониятҳои онҳо дар кишвари мо аҳамияти калон дорад, – иброз дошт Т.Норбоева. – Инчунин, бояд мавқеъ ва нақши занонро дар ислоҳоти ҷомеа дар кишвар боз ҳам баланд бардошт, иқтидори онҳоро бо роҳи маълумот ва такмили ихтисос, талабҳое, ки дар назди роҳбарон, аз ҷумла, занони роҳбар гузошта мешаванд, боз ҳам инкишоф дод.

Дар вохӯрӣ, ки дар рӯҳияи самимӣ сурат гирифт, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти занони пешсаф дар идораи давлатӣ, таҷрибаи онҳо, қобилияти қабули қарори дуруст дар ҳолатҳои гуногун, қобилияти зуд пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилот ва натиҷаҳои дар ҳалли онҳо бадастомада сухан рафт.

Аз ҷониби шунавандагон оид ба рушди соҳаҳои гуногун ва ҳалли мушкилоти мавҷуда пешниҳоду ташаббусҳо ба миён гузошта шуданд. Дар асоси ин таклифу ташаббусҳо иҷрои тадбирҳои дахлдор муайян карда шуданд.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ӮзА.**

# ӮЗБЕКИСТОН БОРИ ДИГАР ТАСДИҚ НАМУД, КИ ТАРАФДОРИ БУНЁДИ ҶОМЕАИ АЗ КОРРУПСИЯ ХОЛӢ МЕБОШАД

***21 июни соли 2024 аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон ба имзо расидани қарор «Дар бораи чораҳо оид ба ҷорӣ кардани низоми пайваста баланд бардоштани дониши аҳолӣ ва хидматчиёни давлатӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия» мавриди таваҷҷуҳи коршиносони ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифт.***

**Мушовири Донишкадаи СММ оид ба масъалаҳои волоияти қонун ва бехатарӣ Александр КЛИШИН:**



– Ташаббуси мазкур натанҳо барои Ӯзбекистон, балки дар арсаи байналмилалӣ низ марҳилаи муҳими мубориза бо коррупсия мебошад. Академияи виртуалӣ оид ба мубориза бо коррупсия самараи қарори қатъии Шавкат Мирзиёев оид ба ҷорӣ намудани низоми пайваста баланд бардоштани дониш байни аҳолӣ ва хидматчиёни давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия мебошад.

Ташаббус бо саъю кӯшишҳои глобалӣ оид ба ҷорӣ намудани тамоюлҳои ҳалолӣ, шаффофият ва ҳисобдорӣ дар тамоми сектори иқтисодиёт комилан мувофиқат мекунад. Ӯзбекистон бори дигар пайравиашро ба бунёди ҷамъияти аз коррупсия холӣ, ки дар он ҷо ростқавлӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ маҳаки асосии идоракунии давлат мебошад, тасдиқ кард. Академияи виртуалӣ оид ба мубориза бо коррупсия пурра ин арзишҳоро таҷассум менамояд ва барои дигар кишварҳо намунаи қобили таҳсин аст.

**Иҷрокунандаи муваққатии вазифаи Намояндаи доимии БРСММ дар Ӯзбекистон Анас КАРМАН:**



– Мо аз қабули фармони Президенти Ӯзбекистон оиди Академияи виртуалӣ барои ҳалли мушкилоти зиддикоррупсионӣ дар кишвар хеле шод шудем. Мо чорабинии мазкурро ҳамчун қадами муҳим дар роҳи таҳкими минбаъдаи экосистемаи зиддикоррупсионӣ мешуморем.

Дар Ӯзбекистон мо муддати тӯлонӣ бо Агентии оид ба мубориза бо коррупсия дар самтҳои гуногун, аз ҷумла дар рушди низоми назорати комплаенс дар мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо ҳамкорӣ дорем. Мо инчунин барои мубориза бо коррупсия дар бахши давлатӣ роҳҳои гуногуни рақамӣ таҳия мекунем. Ба назари ман, беназирии Академияи навтаъсис дар он аст, ки тавассути ин майдон натанҳо хидматчиёни давлатӣ, балки мутахассисони идораҳои мубориза бо коррупсия, балки шаҳрвандони одӣ ба омӯзиши зарурӣ дастрасӣ доранд.

**Ҳамоҳангсози лоиҳаҳои САҲА дар Ӯзбекистон Антти КАРТТУНЕН:**



– Ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев оид ба таъсис додани Академияи виртуалии зиддикоррупсионӣ талаботи имрӯз ба ҳисоб рафта, барои пайдо намудани ҷавоб ба бисёр суолҳои ба ин соҳа алоқаманд кумак мерасонад.

Ба фикрам, қарори мазкур ба мисли қонун «Дар бораи бархурди манфиатҳо», ки аз ҷониби сарвари давлат ба қарибӣ ба имзо расид, дар мубориза бо фасод дар Ӯзбекистон қадами муҳим гардид.

Мо омода ҳастем, ки минбаъд низ ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия, инчунин баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо тавассути Академияи виртуалӣ мусоидат намуда, саъю кӯшишҳои Ӯзбекистонро дар ин самт дар маҷмӯъ дастгирӣ кунем.

**Директори Маркази волоияти қонун, собиқ вазири адлияи Финландия Туя БРАКС:**



– Барои ман ифтихори бузург аст, ки дар бораи Академияи нави виртуалии мубориза бо коррупсия дар Ӯзбекистон чанд сухан баён мекунам. Мо чанд сол боз бо Агентии мубориза бо коррупсия дар Ӯзбекистон ҳамкорӣ дорем ва ташаббусҳои Президент Шавкат Мирзиёев дар самти мубориза бо коррупсия дар кишвар, тадбирҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин самт ва талошҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум оид ба мубориза бо фасод дар ман таассуроти калон гузошт. Академияи нави виртуалӣ барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, таҳияи курсҳои махсус барои гурӯҳҳои мақсадноки гуногун, инчунин ҷалби ҷавонон ба омӯзиши ин соҳа имконияти беназир мебошад, зеро дар ниҳояти кор сухан дар бораи ояндаи Ӯзбекистон меравад.

**Профессори Донишгоҳи Оксфорд, коршиноси байналмилалии созмони байниҳукуматии «Муколамаи регионалӣ» Квентир РИД (Британияи Кабир):**



– Аз шунидани имзои фармони Президент дар бораи таъсиси Академияи виртуалӣ хеле шодам. Созмони байналмилалии «Муколамаи минтақавӣ» ва Агентии мубориза бо коррупсияи Ӯзбекистон чанд сол боз дар таҳияи чораҳои пешгирикунандаи зиддикоррупсионӣ дар Ӯзбекистон ҳамкорӣ мекунанд. Мо изҳори омодагӣ мекунем, ки барои таҳияи модулҳо ва барномаҳои таълимӣ дар доираи Академияи виртуалӣ ҳамаҷониба кумак расонем, зеро баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, таълим ва омодагии касбӣ василаҳои асосии пешгирии коррупсия мебошад. Бидуни ин ташаккули низоми дурусти мубориза бо коррупсия имконнопазир аст. Ин хусусан барои хидматчиёни давлатӣ, махсусан онҳое, ки дар ҳолати осебпазир қарор доранд, муҳим аст, аммо ман ба шаҳрвандон низ таваҷҷуҳи хоса медодам.

**Котиби генералии Шӯрои тиҷоратии зиддикоррупсионии назди Президенти Қирғизистон Нурипа МУКАНОВА:**



– Иҷозат диҳед мардуми Ӯзбекистон ва Агентии мубориза бо коррупсияро бо ифтитоҳи Академияи виртуалӣ табрик намоям. Ифтитоҳи ин Академия натанҳо барои кишвари шумо, балки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ муҳим аст. Ин як тадбири хеле муҳими зиддикоррупсионӣ ва платформаи муҳим барои баланд бардоштани тавонмандии ҳамаи шахсони бевосита ба масъалаҳои мубориза бо коррупсия машғул, инчунин онҳое, ки мехоҳанд дониш, тавонмандӣ ва малакаи худро дар соҳаи мубориза ва пешгирии коррупсия баланд бардоранд, мебошад. Ин платформа ҳамчунин ба ҷавононе, ки таҳсил мекунанд ва баъдан ба хидмати давлатӣ ворид мешаванд, имкон медиҳад, ки малакаҳои мубориза бо коррупсияи худро такмил диҳанд.

**АИ «Дунё».**

# ТАЪМИНИ ОЯНДАИ БИДУНИ БЕМОРИИ СИЛ ЎҲДАДОРИҲОИ СИЁСИРО ТАҚВИЯТ МЕБАХШАД

***Шаҳри Тошканд дар баробари мизбонии як анҷумани байналмилалӣ, ҳудуди сад нафар намояндагони сохторҳои гуногуни ҳукуматӣ, аз ҷумла вакилони парлумонҳо, вазорату идораҳо, иттиҳодияҳо, марказҳои марбута ва вакилони ҷомеаи шаҳрвандиро аз Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ гирдиҳам овард. Онҳо тайи ду рӯз вазъи кунунии паҳншавии бемории сил, мизони баланди бемории сили тобовар ба доруҳо (DR-TB) ва мушкилоти рафъи ин бемориро ошкоро ва доманфарох баррасӣ карданд.***

Анҷуман дар чаҳорчӯби ташаббуси Паймони мубориза бо бемории сил таҳти пуштибонии молии Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) роҳандозӣ гардид. Дар он намояндагони 13 кишвар – Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Лаҳистон, Ҷумҳурии Молдова, Румининия, Тоҷикистон, Туркманистон, Украина ва Ўзбекистон ширкат намуданд, ки гирифторони бемории сил дар онҳо зиёд мебошанд.

Ба роҳбарон ва коршиносони Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва Шарикии боздошти бемории сил намояндагони созмонҳои байналмилалии Хазинаи глобалии мубориза бо СПИД, сил ва вараҷа, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки осиёии рушд низ ҳамроҳ шуданд. Иштирокчиёни анҷуман дар робита бо таҳкими ўҳдадориҳои сиёсӣ, афзоиши маблағгузории дохилӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионии маблағгузорӣ, инчунин эҷоди ташаббусҳои минтақавӣ барои хотима додан ба бемории сил табодули назар намуданд.

Тавре ки дар анҷуман тазаккур ёфт, дар тӯли даҳсолаи охир Ўзбекистон талошҳои худро дар самти пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории сил ва DR-TB такмил дода, ҳамзамон сатҳи муваффақиятро пайваста беҳтар мекунад. Он дар афзоиши маблағгузории мақсаднок барои татбиқи барномаҳои мубориза бар зидди бемории сил ва сармоягузории зиёд ҷиҳати хариди доруҳои лозима намоён мегардад. Гуфта мешавад, ки дар кишвари мо ба бемории сил то соли 2050 хотима бахшида хоҳад шуд.

Бино ба гуфтаҳои иштирокчиёни анҷуман дар соли 2022 дар минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ тақрибан чоряк миллион ҳодисаи ба бемории сил мубтало шудани одамон ба қайд гирифта шудааст, ки маъмултарин бемории сироятии қотил дар ҷаҳон пас аз COVID-19 мебошад. Сарфи назар аз пешравиҳо дар мубориза бо ин беморӣ, бемории сил ва, бахусус ДР-ТБ, ҳамчунон як мушкили асосии саломатии аҳолӣ ва сабаби марги бармаҳал дар тамоми минтақа боқӣ мондааст.

Таснифи бемории сили ба доруҳо тобовар (ё DR-TB) як навъи бемории арзёбӣ гардид, ки аз бактерияи Mycobacterium Tuberculosis (MTB) ба вуҷуд меояд ва он мутатсияи генетикӣ ё воситаҳои дигарро ба вуҷуд меоварад. Дар натиҷа доруи мушаххаси зидди сил ҳаргиз бар зидди ин намуди беморӣ самараи нек ба бор намеоварад.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи СҶТ, аксарияти мутлақи кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Марказӣ дар самти рафъи бемории сил ба пешравиҳои назаррас ноил шудаанд. Бо вуҷуди ин, шумораи зиёди гирифторони бемории сил боқӣ мондаанд. Ҳарчанд ин беморӣ пешгирӣ карда мешавад ва муолиҷашаванда мебошад, ҳамасола дар саросари ҷаҳон 1,6 миллион нафарро ба ҳалокат мувоҷеҳ мекунад, ки қисме аз ин шумор маҳз ба кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ рост меояд.

– Мо итминон дорем, ки ин минтақа ба ҳама чиз қодир аст ва пешдастиро дар мубориза бо сил нишон хоҳад дод. Ҳамаи 13 кишваре, ки дар ин анҷуман намояндагӣ мекунанд, инчунин ҳамаи ҷонибҳои мухталифи манфиатдор метавонанд, ки бемории силро барои шаҳрвандони худ ба таърихи гузашта табдил диҳанд. Мо аз ҳамкории тарафҳои манфиатдори миллӣ, инчунин бюрои аврупоии СҶБ сипосгузорем. Мо дар иттиҳод ин бемории хавфнокро бартараф хоҳем кард ва дар таҳкими системаҳои миллии тандурустӣ боз beштар муваффақ хоҳем шуд, – гуфт мудири иҷроияи шарикии «Силро боздоред» доктор Люсика Дитиу.

Ба ақидаи иштирокчии дигари ин анҷуман – доктор Ҳанс Ҳенри П. Клуге то ҳол ба мағлуб кардани бемории сил дар минтақаи Аврупо ноил нашудаанд, аммо умедашон калон аст, ки ба ин ноил хоҳанд шуд.

– Маълумоти нав нишон медиҳад, ки нақшаи кӯтоҳшудаи табобати 9-моҳаи бемории сили ба доруҳои гуногун тобовар сатҳи муваффақияти табобатро то 83 фоиз ташкил медиҳад. Дар гузашта барои табобати бемории сили ба доруҳои зиёд тобовар то 3 сол лозим мешуд. Азбаски дигар сӯзандоруҳо истифода намешаванд ва аз доруҳо низ хеле кам истифода сурат мегирад, беморонро мустақилона метавон муолиҷа кард, – иброз дошт доктор Ҳанс Клуге.

– Ҳадафи анҷумани дурӯза ҷамъ овардани ҷонибҳои асосии манфиатдор аз минтақа, таҳияи стратегия барои таҳкими минбаъдаи вокуниши миллӣ ва минтақавӣ ва пешбурди ҳадафи умумии хотима додан ба эпидемияи сил то соли 2050 мебошад. Хушбахтона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол ба коҳиши теъдоди мубталоёни бемории сил ва муолиҷаи он ноил мешавем. Дар ин самт табодули таҷрибаи ходимони соҳаи тандурустии ду кишвари дӯст – Тоҷикистон ва Ўзбекистон низ самараи худро медиҳад, – гуфт мудири кафедраи филиопулмонологияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Сино ва сармутахассис оид ба бемории сил, профессор Ўктам Бобохоҷаев.

Ногуфта намонад, ки Паймони боздошти бемории сил як созмони беназири СММ мебошад, ки дар шаҳри Женеваи Швейтсария қароргоҳи худро дорад. Он ўҳдадор аст, ки барои решакан кардани ин беморӣ то соли 2030 инқилоб кунад. Созмони номбурда беш аз ду ҳазор шариконро дар саросари ҷаҳон муттаҳид мекунад, ки барои пешбурди ҳамкориҳои байнисоҳавӣ муштаракан талош ба харҷ медиҳанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ЧИЛКАШИ БОҒБОН



Вай лаҳзае аз шуғл бозмондаву ба дастаи бел вазн андохт ва ҷабини арақшорашро ба остин пок карда, нафас рост гирифт. Аз субҳи содиқ то ҳол бори чандум аст, ки ногузир таваққуф мекунад. Солҳои пеш якмаром сад корро ба сомон мерасонд. Монда шудан чист намедонист. Пас, оҳиста пиру солхӯрда мешавад Чилкаши мудом беқарор ва дар гирумони ҳаёти бешафқат обутобёфта! Вай ҳис мекунад, ки неру ҳам дар тани кунун фартуташ кофӣ нест...

Бобои Чилкаш дар банди чунин андешаҳои ғамолуд нафас рост кардаву аз дил гузаронд, ки шасту се баҳорро аз сар гузаронида, гоҳ дар домани шодиҳо, гоҳе дар пояи ғамҳо зистааст. Аммо умри одамӣ, ки аз шаст гузашт, рӯ ба пастӣ меовардааст. Сиҳатии тан халалдор гашта, баъзан ташвишзо мешудааст... Ана, мисли ҳозир барои сомон додани корҳои рӯзгор неруи тан кифоят намекардааст.

Вай аз паси панҷаи сабзи дарахтон ба қибла назар дӯхт. Вазъи ҳаво тағйир ёфта, боди сабуксайре ба машом бӯйи боронро меовард. Анбӯҳи абрҳо дар таҳдиди ошкор паҳнои осмонро мепӯшонданд. Аз дуриҳо ғуриши пахшхӯрдаи тундар ба гӯш менишаст. Барқ ҳам гоҳ-гоҳ равшанӣ андохта, ба дилҳо ваҳмеро бор мекард...

Чилкаши боғбон ба таҳлука афтод. Як сӯ пойбел, як сӯ ҷамъ кардани беда... ўро мунтазиранд. Вай ба нарм сохтани таги дарахтон шитоб кард. Баъд оҷил ба ҷамъ кардани алафи хишовадида пардохт, ки давоми ду рӯз офтоб хӯрдаву намашон комилан парида буданд. Агар аз қазо дар таги борон монанд, тамом – гулбедаи хушсифат не, ба коҳи дар дашт монда табдил меёбанд. Имрӯз набераҳояш як муддат ба корҳои боғ кумак карда, дар баҳонаи дарс ба мактаб рафтанд. Писаронаш баъдтар ба корҳои боғдорӣ мепайванданд... Вай, боғбони пир, инак тани танҳо ва ҳавлиҷон ҷунбидаву бо қадами борон корҳои зарурӣро ба сомон расонд. Ҳанӯз фурсати орамидан наёфта, банохост раъд гулдурросзанон дару деворҳоро ба ларза овард. Вақте ба хона даромадаву пойҳои коркӯфтаашро дам медод, шатар-шутур шохборони сахте зад ва новаҳоро пур карда, оби дидаи осмонҳо ба рехтан даромад.

– Сел омадаву мардумро ташвиш надиҳад, бахайр, – гарданкашон аз тиреза ба резиши борон нигариста, қадре мушавваш аз дил гузаронд бобои Чилкаш. Шохборон чапу рост зада, баъд аз як даме ниҳоят аз шаст монд.

«Хайрият безиён гузашт. Вагарна аз ду рӯдаки шӯхи деҳаи Дуоб сел сарозер гашта, боиси харобиҳо мешуд. Охир, посираи ў низ дар қади ҳамин дарёчаи саркаш ҷой гирифтааст.» – Андешаманд тоқиро аз сар гирифт боғбон.

Абр доманкашон ба самти кӯҳистон рафт магар, осмон равшантар шуд. Акнун бори худро ба сари арчаҳои бисёрумр, гулу гиёҳи гуногуни он мавозеъ... армуғон хоҳад бурд.

***

Ба ин марди табиатан ором, аммо ҳамеша дар такопӯ аҳли деҳаи Дуоби ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё эҳтироми алоҳида доранд. Меҳнатдӯст, фошгӯ, ҳақпараст ва ростқавлу як марди гарданкашест Қурбонназари Чилкаш. Агар аз домани ягон кор гирад, то ба табъи дилаш иҷро накунад, даст барнамедорад...

Ҳамин Қурбонназари Чилкаши боғдор 63 сол муқаддам аз ин 10-уми июни соли 1961 дар оилаи иштирокчии набардҳои хунини Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Атаҷон Норқобилов ба дунё омадааст. Модараш Ҳосила ном дошт ва аз занони дар гирумони ташвишҳои рӯзгор обутобёфтаи деҳаи Дуоб буд, ки 11 нафар фарзандро ба дунё овардаву тарбияти неке додааст. Қурбонназар фарзанди 7-уми ин хонадони муҳташам аст. Дар ҳуҷҷатҳои ҳукумат Қурбонназар Норқобилов сабти ном гаштааст. Аммо дар мавзеи Боғучорбоғи ноҳияи Деҳқонобод, ки дасти кам 20 ҳазор нуфус дорад, номи аслии ўро комилан аз ёдҳо фаромӯш сохтаанд. Ин боғбони машҳурро бо номи Чилкаш мешиносанд. Пас аз хатми мактаби миёнаи деҳа ду сол дар сафи неруҳои мусаллаҳ хидмат карда, баъд ба техникуми хоҷагии деҳоти Шаҳрисабз дохил шуд. Дар хоҷагии давлатии «Бошчорбоғ» кор карда, соли 1986 бо хоҳиши худ аз масъулияти давлатӣ канор рафт. Азбаски аз хурдӣ орзуи бунёди боғи калонеро дар дил мепарварид, остин барзад ва миён маҳкам баст, то орзуҳояш дар амал татбиқ шаванд. Аз хоҷагӣ як миқдор замин ҷудо карда, ҳамвора меҳнат кард ва боғи себзору шафтолузори ободеро асос гузошт. Аввал дар асоси пудрати оилавӣ фаъолият нишон дода, минбаъд заминҳои ободкардаашро ба хоҷагии фермерӣ мубаддал сохт. Инак 38 сол аст, ки ин боғи обод оилаи ўро хӯрондаву мепӯшонад. Аз баракоташ 9 нафар фарзандро ба ҳаёти мустақил гуселонд. Писаронаш Рофиқу Руслан дар корҳои хоҷагидорӣ ёвари падар ҳастанд. Аз ў асрори боғдориро омӯхтаву ҳоло корҳоро мустақил ўҳда мекунанд. Рофиқ маълумоти олӣ ҳам дорад ва дар мактаби рақами 47-уми деҳаи Дуоб ҷонишини директор. Руслан мактабро хатм карда, ният дорад дар ягон мактаби олӣ таълим гирад. Дар баробари ин кенҷаписар асрори гӯштингирию чавандозиро аз падар омӯхта, бо «Осмон» ном аспи худ дар сабқати бузкашиҳо ширкат меварзад. Аммо набераҳои дӯстрӯ Бурҳону Ботир ва Давррону Олим мудом дастёри бобои худ буда, ба корҳои боғдории ў кумак мерасонанд.

Қурбонназар номи бариловаро дар майдонҳои мусобиқа ёфтааст. Бобои шодравонаш Мулло Норқобил ба ў асрори гӯштингириро омӯхтаву як чилеро ёд дода буд, ки касе хабар надошт. Вай набераи тамриндидаи худро дар аксари давраҳо ҳамроҳӣ мекард ва дар ҳошияи майдон истода, бо ҳар гуна маслиҳат ва нидоҳо рӯҳбаланд месохт. Дар набарди навбатӣ ҳарифи Қурбонназар нерумандтар буд. Бобои Норқобил ҳар замон садо андохта, набераи худро ба ҳушёрӣ мехонд ва мегуфт, ки «ба чили худат каш!» Қурбонназар он ҳарифи нисбатан бақувватро бо чили аз бобояш андӯхта мағлуб сохт. Дар қиболи ин чили ноёб паҳлавонони гӯштингир ночор мемонданд ва то ҳанӯз асрори онро ба ҷуз аз Қурбонназар касе намедонад. Ин тавр, паҳлавони ҷавон дар забони мардум бо номи Чилкаш маъруфият пайдо кард...

***

Замин аз оби боронҳо сер шуда, дар партави хуршеди бегоҳон зебо ба назар мерасид. Бобои Чилкаш ба сатҳи боғи саросар сабз чашм давонда, ба ёд оварd, ки ин мавзеъ аз ин тақрибан сию ҳашт сол муқаддам замини колхоз буда, дар он гоҳ картошка кишт намоянд, гоҳе тамоку парвариш менамуданд. Вай, сарагрономи ҷавони хоҷагӣ, ба ҳамин қитъаи замин меҳр монда, онро ба сифати пудратчии оилавӣ ободтар сохт. Минбаъд дар тендер бар ивази 5 миллион сӯм харид. Аммо роҳбарияти ноҳия бо ҳар баҳона нагузоштанд, ки ин замини акнун биҳиштосо муфт аз даст биравад. Қурбонназар маҷбур гашт, ки хоҷагии фермерӣ ташкил кунад. Ҳоло хоҷагии фермерии «Норқобилов Қурбонназар Атаҷон ўғли» 1,20 га заминро фаро мегирад ва солона дар маҷмӯъ ба аҳли хонадон 150 миллион сӯм даромади соф медиҳад.

– Даромади мо аслан аз боғдориву чорвопарварӣ аст, – мегӯяд бобои Қурбонназар. – Бо фарзандон ва наберагон боғро обод мекунем. Хусусан, барои наберагон ин қитъаи замин хеле муфид буда, онҳо ҳамвора асрори боғдорӣ ва деҳқониву чорводориро меомӯзанд.

Вай баҳаророт нақл кард, ки дар авохири солҳои 80-уми қарни гузашта аз дарё ҷӯйи наве кушодаву ба самти ин замин об овард. Бо неруи бозувон шабону рӯзон меҳнат карда, рада-рада дарахт шинонд. Як қисмати боғро ба себзор мубаддал сохт, як қисматашро ба зардолузору боғи шафтолу табдил дод. Дар атрофи он қаламчаи дарахтони сафедорро шинонд, ки дар муддати кӯтоҳе қад кашидаву талаботи хонадонро ба чӯбу тахта таъмин намуданд. Ин замини акнун биҳиштосо ҳамасола ба аҳли хонадони бобои Чилкаш тонна-тонна себ медиҳад. Вай ҳини суҳбат иқрор шуд, ки боғи себзораш ҳар сол 30 тонна бор меоварад. Аз баракоти ин боғ на танҳо хонадон, балки аҳли деҳа ва тaборони ў низ бархурдор мегарданд.

– Ҳоло боғи мо зиёда аз 2000 бех ниҳоли сафедор дорад, ки баъзе аз онҳо хеле бузург шуда, қутрашон ба ду метр расидаанд, – бо фахр мегӯяд боғбони номвар. – Агар як қисмашро барои эҳтиёҷи оила сарф созем, ба ҷояшон зуд ниҳолҳои дигар менишонем.

Бобои Қурбонназар боз як боғи дигаре дорад, ки азалан замини лалмӣ ба ҳисоб мерафт ва аз деҳа дар дурии чор километр, дар чашми офтоби тобон ҷой гирифтааст. Ҳашт сол муқаддам ҳамин замини сӯхтаи хорзору чакалакзорро тахту ҳамвор карда, боғи наверо бунёд гузошта буд. Ин боғ ҳудуди як гектар масоҳат дорад. Дар боғи мазкур зиёдтар аз 300 ниҳоли дарахтони мевадиҳандаро шинонд. Ба воситаи лӯлаҳои пластикӣ аз чашмаи кӯҳие, ки 4-5 километр дурӣ дорад, ба сари замини нави лабташна об овард. Бо қадами об ҳоло ин мавзеъ низ ба гулистон мубаддал гашта, биҳишти ҳақиқиро мемонад ва кунун аксари дарахтонаш борвар гашта, комҳоро ширин месозанд.

– Агар меҳнат кунӣ, ҳаргиз хор намешавӣ. Баръакс, дар чашми ҷамъият мӯътабар мегардӣ, – мегӯяд Чилкаши Боғбон ва кафҳои оҳанвор сахтшудаи худро ба ҳам совида, аз таҳти дил Худовандро сипосгузорӣ мекунад. Шукр мегӯяд, ки танбалӣ барин «бемории» бадро ба ў ва фарзандону наберагони дӯстрӯяш бегона гардондааст.

Чилкаши боғбон хуб медонад, ки аз фарди нек боғ ба ёдгор бимонад, аз одами бад доғе дар дилҳо хоҳад монд. Аз ин ҷост, ки ба фарзандону наберагони худ тариқи ҳалоли нон ёфтанро омӯзонда, ҳар кадоми онҳоро ба меҳнат кардан водор месозад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

## *ХАБАРҲО*

### ЯРМАРКАИ МЕҲНАТӢ ДАР ПИСКЕНТ

***Ташкили ярмаркаҳои меҳнатӣ дар пайдо кардани ҷойҳои корӣ нақши муҳим дорад. Яке аз ин гуна чорабиниҳо дар маркази ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд баргузор гардид.***

Мақсад – натанҳо таъмини корҷӯён бо шуғл, айни замон, ба амал баровардани лоиҳаҳои соҳибкорӣ. Ба шаҳрвандоне, ки соҳибкор шуданӣ ва микролоиҳаҳои худро амалӣ сохтанианд, бобати расмӣ сохтани ҳуҷҷатҳо дар масъалаи кредит, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо менамоянд, маслиҳат ва тавсияҳо дода шуд.

Дар ярмаркаи меҳнатӣ, ки аз ҷониби шуъбаи ноҳиявии коҳишдиҳии ночорӣ ва кумак ба шуғл рӯйи кор омад, ҷамъ 24 корхона ва ташкилот бо 285 ҷойи холии корӣ иштирок кард. Ба 22 нафар шаҳрванд барои ҷойгир шудан ба кор роҳхат дода шуд. 14 нафар шаҳрвандон аз маслиҳатҳои мутахассисон оиди қонунгузории меҳнатӣ баҳраманд шуда бошанд, 14 нафар барои омӯхтани касб роҳхат гирифтанд.

### БА ПЕШВОЗИ РӮЗИ ҶАВОНОН

***Алъон дар ҳамаи вилоёти ҷумҳуриамон бо иштироки ҷавонон ва намояндагони санъату фарҳанг таҳти шиори «Ҷавонони Ўзбекистон, муттаҳид шавем!» чорабиниҳои маърифатӣ баргузор мегарданд. Аз ҷумла, дар вилояти Фарғона гирдиҳамоии аҳли ҳунар дар майдони кушоди қасри фарҳанги ба номи Ислом Каримов ба иштирокдорони ҷавон таассуроти хуб гузошт.***

Оиди дар мамлакатамон офарида шудани имкониятҳои васеъ дар роҳи камолоти насли ҷавон ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ва директори Агентии кор бо ҷавонон Алишер Саъдуллоев баромад намуданд ва ҳозиронро бинобар наздик расидани Рӯзи ҷавонон муборакбод сохтанд.

Ба ҷавононе, ки намояндагони навоҳии вилоят буда, дар ҳар ҷабҳа худро нишон додаанд, ташаккурнома ва туҳфаҳои хотиравӣ супурда шуд. Тамошои видеоролик доири фаъолияти ҷавонони пешқадам низ таассуротангез буд.

### ОМОДАГӢ БА АНҶУМАНИ МАҚОМХОНҲО

***Ба санъати мақоми мо ҷаҳониён торафт бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Алъон барои дигарбора доир намудани чунин чорабинии байналмилалӣ тайёрӣ дида мешавад.***

Баргузории дувумин анҷумани байналхалқии мақом 27-30 июни соли равон ба нақша даромадааст. Ба чорабинии мусиқӣ, ки дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах баргузор мегардад, наздик аз 80 кишвари дунё иштироки 400 нафар дӯстдорон ва мутахассисони соҳаи мақом пешбинӣ шудааст.

Назар ба маълумоти Кумитаи сайёҳӣ ба баромади иштирокдорон аз рӯйи номинатсияҳои «Беҳтарин ансамбли мақом», «Беҳтарин навозандаи асбобҳои мусиқӣ» ва «Беҳтарин овозхони якка» баҳо дода мешавад.

Дар доираи чорабинӣ баргузор шудани анҷумани илмию амалӣ таҳти мавзӯи «Асосҳои назарию амалии санъати мақом: муаммоҳо ва ҳалли онҳо» низ ба нақша даромадааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# ШУЪБАИ «EKVATORIAL CHODAK» – ДАР МАҲАЛЛА

***Сарвари давлат ҳангоми сафараш ба вилояти Бухоро бобати ба ҳудуди аз бенавоӣ, бекорӣ ва қонуншиканиҳо холӣ табдил додани вилоят, инчунин дар як қатор соҳаҳо чун намуна ноилшавӣ ба «Таҷрибаи Бухоро» ба роҳбарону мутасаддиён супориш дода буд.***

Дар ин бора дар ноҳияи Қарокӯл корҳои назаррас ба сомон мерасанд. Аз ҷумла, лоиҳае, ки дар мактаби касбу ҳунари маҳаллаи «Сайёд»-и ноҳия ҷомаи амал пӯшид, барои аъзоёни оилаҳое, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, бобати ба даст овардани даромад имконияти хубе гардид. Ба қарибӣ дар ин ҷо маросими ба истифода супурдани сехи дӯзандагии корхонаи номбурда ба амал омад. Дар он мутасаддиёни ноҳия, намояндагони ҷамоатҳо иштирок карда, аҳли маҳалларо бо ҷомаи амал пӯшидани орзуяшон муборакбод намуданд. Нотиқон бо мақсади бо кор таъминшавии эҳтиёҷмандон ва гирифтани даромади моддии оилаҳо дар корхона ба якчанд баст ташкил намудани ҷараёни корҳоро таклиф намуданд. Иштироккунандагони чорабинӣ таҳти роҳбарии намояндаи Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон Д. Ҳасанов ва ҳокими ноҳия Х. Тоҳиров ба корхонаҳо рафта, бо ҷараёни истеҳсоли маҳсулот шинос шуданд. Ҳоло дар ин ҷо шимҳои ҷинсии мардона ва корҷома барои ҷамоаҳои меҳнатӣ тайёр карда мешаванд. Барои коргарони сех ҳар рӯз хӯроки гарм омода мегардад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки бинои холимондаи муассисаи касбу ҳунар муҷаҳҳаз гардонда, дар марҳилаи аввал ба ивази қариб як миллиард сӯм 70-то мошини дарздӯзии замонавӣ ва таҷҳизоти зарурӣ оварда ҷогузин карда шуд.

Кормандони сех ният доранд, ки иқтидори солонаи истеҳсоли маҳсулотро ба 30 миллиард сӯм расонда, қисми зиёди онро ба содирот бароранд. Инчунин пешбинӣ шудааст, ки соли нави таҳсил дар таълимгоҳи касбу ҳунар шакли «таълими дуал» ба роҳ монда шуда, дар натиҷаи ҳамкорӣ бо корхона шогирдон метавонанд ҳам таълим гиранд, ҳам дар як вақт кор карда, соҳиби даромад шаванд. Дар «Маркази соҳибкории бонувон»-и таълимгоҳ ҳоло 60 нафар занону духтарон дар равияҳои «саводнокии компутерӣ», «бонувони сартарош», дӯзандагию пазандагӣ сабақ мегиранд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

**30 июн – Рӯзи ҷавонони Ўзбекистон**

# «ҶАВОНОНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ, МУТТАҲИД ШАВЕМ!»

***Тӯли чанд соли охир мамлакати мо дар доираи моҳонаи ҷавонон ва 30 июн – Рӯзи ҷавонони Ўзбекистон таҳти шиори «Ҷавонони Ўзбекистони Нав, муттаҳид шавем!» озмун ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, барномаҳои консертӣ дар тамоми шаҳру ноҳия ва вилоятҳои ҷумҳурӣ дар рӯҳияи баланд баргузор мешаванд.***

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳама давру замон ҷавонон дар ҳама кишварҳои мухталифу тараққиёфта мавриди таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ва давлату ҳукумат қарор гирифтаанд. Насли ҷавон неруи бузурги давлату ҷомеа ба шумор меравад, зеро онҳо табақаи мустаҳкам ва пайвандгари наслҳо мебошанд.

Воқеан, дар шароити муосири инкишофи давлати соҳибистиқлоламон бо ташаббуси Президент Ш. Мирзиёев ва ҳукумати кишвар ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аҳамияти алоҳида дода мешавад. Имрӯз ҷавонони Ўзбекистон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт маҳорати худро нишон медиҳанд, дар қатори ҷавонони кишварҳои мухталифи ҷаҳон ном ва парчами Ўзбекистонро баланд мебардоранд.

Ҷашнвораи ҷавонон таҳти унвони «Ҷавонони Ўзбекистони Нав, якҷо бошем» аз зумраи ҷашнвораҳоест, ки солҳои охир дар сартосари кишварамон ҷавонони зиёдро дар атрофи худ муттаҳид кард. Ба наздикӣ дар маркази шаҳри Нурафшони вилояти Тошканд низ чунин чорабинӣ бо ташаббуси ҳокимияти вилоят, Садорати агентии кор бо ҷавонон, ҳокимияти шаҳри Нурафшон ва ташкилоту идораҳои дахлдор баргузор шуд.

**Меҳровар**
**ҚОДИРЗОДА,**
**вилояти Тошканд.**

*Мавзӯъ барои баҳс*

# БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ДОНИШОМӮЗОН КӢ МАСЪУЛ?

***Дер боз ният доштам, ки дар мавзӯи мактабу маориф, тарбияи насли имрӯза ва сатҳи саводнокии ҷавонон матолибе нависам. Зеро, моҳҳои охир дар матбуоти даврӣ, радиову телевизион, инчунин, шабакаҳои иҷтимоӣ роҷеъ ба мавзӯи мактабу муаллим якчанд гузоришу мақолаи мубоҳисавӣ эълон гардиданд, ки ба барҳам додани ҷазои ҷисмонӣ дар раванди тарбияи наврасон равона шудааст.***

Камина низ ҳамчун собиқадори соҳаи таълим тарафдори ҷазои ҷисмонӣ нестам. Дар оғози фаъолияти меҳнатӣ чанд сол дар мактабҳои ноҳияи Самарқанд ҳамчун муаллим ва мудири қисми илмӣ кор кардаам. Ғайр аз ин, тӯли чанд муддат ба донишҷӯёни Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи С.Айнӣ аз фанни педагогика ва таърихи педагогика дарс гуфтам. Илова бар ин, солҳо ин ҷониб ҳамчун журналист маҳз дар мавзӯи мактаб, таълиму тарбияи насли наврас очерку мақолаҳо навиштам ва бо такя ба ҳамин таҷрибаҳоям хостам чанд мулоҳизаи худро доир ба ҷазои ҷисмонӣ ба хонандагон баён кунам.

Ба қарибӣ дар телевизиони ҷумҳуриявӣ воқеае намоиш дода шуд. Дар он сухан дар бораи омӯзгоре мерафт, ки ба пушти дасти шогирдаш қариб 30-40 маротиба сӯзан халонида, ҷазо додааст. Модари донишомӯз аз рӯи ин ҳолат ба маъмурияти мактаб ва идораҳои дахлдор муроҷиат карда, талаб кардааст, ки дар ин маврид кори ҷиноӣ боз гардад. Воқеан, нисбат ба чунин омӯзгорон андешидани чораи қонунӣ ҳатмист. Чунки ба ин қабил шахсоне, ки тасодуфӣ омӯзгор шудаанд ва дар рафти фаъолият бо шогирдон дағалона рафтору гуфтор мекунанд, дар мактаб ҷой нест.

Аз байн чанд рӯз нагузашта, шоҳиди барномаи дигар шудам: муаллим барои бетартибӣ кардани донишомӯз аз гӯшаш кашида танбеҳ додааст ва барои ин амалаш аз вазифа барканор гардидааст. Саволе ба миён меояд: омӯзгор шогирди бадахлоқи худро бо кадом роҳ тарбия кунад? Ӯро чӣ тавр ба тартиб ҷеғ занад? Агар мо ба ҳар амали муаллим бо назари танқидӣ нигарем, онҳоро ҷазо диҳем, оё ин боиси косташавии обрӯи омӯзгор дар ҷомеа намегардад?

Ҳар як падару модар ва тарбиятгар бояд донад, ки дар фанни педагогика танқид, таъкид ва танбеҳ вуҷуд дорад, ки омӯзгор тавассути ин услубҳо ба шогирдони тарбияашон душвор ё сустхон таъсири худро мерасонад. Ҳоло аксар ин услуби корбарии омӯзгоронро нодуруст мепиндоранд. Ҳатто агар муаллим шогирди худро «ту аҳмақ» ё «садқаи одам шав» гуфта андак дурушт гӯяд, фавран волидони он донишомӯз ба мактаб меоянд ва лаб ба шикоят мекушоянд. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё падару модарон дар оила фарзанди шӯху гапнодарои худро дашному танбеҳ намедиҳанд ё гӯшашро намекашанд?

Дар мавриди ҳаққи устод дар таълиму тарбияи шогирд Камолиддин Биноӣ хеле бамаврид гуфтааст:

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*
*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад...*

Мо, волидон бояд баробари эътибор ба тарбияи фарзанд, эҳтироми муаллим ва мураббиёнро ҳам дар ҷойи худ гузорем. Ҳангоми лаб ба шиква кушодани фарзандамон ҳар ду тарафро шунида, баъд хулоса барорем. Танҳо бо ҳамин роҳ метавонем фарзанди худро дуруст тарбия карда, мақом ва мартабаи омӯзгоронро дар ҷомеа мустаҳкам созем.

– Муаллимоне, ки шогирдони худро ҷазои ҷисмонӣ медиҳанд, ба руҳияти онҳо озори равонӣ мерасонанд, ба касби пуршарафи педагогӣ доғи сиёҳ меоранд, – гуфт директори мактаби таълими умумии рақами 18-уми ноҳияи Самарқанд Ашӯрбой Шомақсудов. – Дуруст, ки гоҳо донишомӯзони шӯху гапногирро танбеҳ медиҳем, волидонашонро даъват карда, суҳбат мекунем. Гоҳо чунин ҳолатҳо мешавад, ки бачаҳо айби худро ба падару модарашон нагуфта, дар ҳама кор муаллимро гунаҳкор мекунанд. Баъзе волидон аз ин оташин шуда, ба масъала яктарафа назар меандозанд, ки дар натиҷа, зиддиятҳои гуногун сар мезананд. Ҳар як падару модар бояд дар хотир дорад, ки муаллим аз субҳ то шом барои соҳибилм кардани шогирдонаш, яъне фарзандони онҳо мекӯшад. Аз нисф бештари ҳаёти худро дар мактаб мегузаронад. Ба маъное мактаб хонаи дуюми ӯст. Дар тавсифи заҳмати омӯзгорон шоири зиндаёд Худоназари Оқсоӣ чӣ барҳақ гуфтааст:

*Ба қасру кӯшк ҳоҷоташ набошад,*
*Чу мактаб манзиле дорад муаллим.*
*Ба дунё ҳам гирифторӣ надорад,*
*Чу дунё як диле дорад муаллим.*

Бо такя ба мушоҳидаҳои худ метавонам гӯям, ки пештар дар дарс бесабаб иштирок кардани донишомӯзон хеле кам ба чашм мерасид. Ягон-ягон бачагон аз сабаби беморӣ дар дарс иштирок намекарданду халос. Ҳама духтаракон ва писаракон мекӯшиданд то бо либоси мактабӣ дар дарс саривақтӣ ҳозир шаванд ва ба қоидаҳои дохилии мактаб қатъӣ амал кунанд. Мактабро чун макони илму дониш ва устодонро чун роҳнамо, таълиму тарбиядиҳанда эҳтиром мекарданд.

Дар он айём барои ислоҳи камбудиҳои ахлоқии хонандагони беодоб аз усулҳои гуногун истифода мебурданд. Масалан, аввал худи муаллимон бо гӯшмол кардан мекӯшиданд, то бачаро ба тартиб ҷеғ зананд. Агар бача худро ислоҳ накунад, ба волидонаш нома навишта, даъват мекарданд ё дар рӯзнома хулқи бачаро ғайриқаноатбахш менавиштанд. Инчунин, дар мактабҳо газетаҳои девории «Ҷайра», «Сангпушт», «Хорпуштак» мавҷуд буд, ки ҳар як шумораи онҳоро рассомони ҷавон бо расмҳои ҳаҷвии симои бачаи духон, дарсгурез, ҷангараю ифлоскор оро медоданд ва ин ҳам як намуди ҷазо ба ҳисоб рафта, дар самти ба тартибу интизом даъват кардани шогирдони мактаб самараи хуб медод. Илова бар ин, дар дарвозаи даромадгоҳ ё пештоқи биноҳо шоҳбайтҳо дар тавсифи мактаб, муаллим, донишандӯзӣ овехта мешуданд. Масалан, дар пештоқи аксар мактабҳо чашм ба ин шоҳбайти маърифатпарвари забардаст Абдуқодир Шакурӣ меафтод:

*Эй муаллим, мактабат*
*бо равнақу пурнур бод,*
*Номи некат то қиёмат*
*дар ҷаҳон машҳур бод!*

Аз мутолиаи ин шеърҳо низ дар дили донишомӯзон нисбат ба мактаб, муаллим ва мураббиён, дониш андӯхтан меҳр пайдо мегардид.

Боиси эътироф аст, ки ҳоло дар кишвари маҳбуби мо таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев бобати ислоҳи системаи таълим, тағйир додани корбарии мактабу омӯзгорон чорабиниҳои судманд амалӣ мегарданд. Аммо новобаста аз ғамхорӣ ва дастгириҳои ҳукумати кишвар, баъзе муаллимони бетаҷриба ва падару модарони бепарво ба масъалаи таълиму тарбияи донишомӯзон, бо як сухан поягузорони ояндаи Ватан беэътиборӣ мекунанд. Дар натиҷаи поён рафтани сатҳи дарсазхудкунии хонандагон, шумораи бачаҳои бетартибу бадахлоқ меафзояд.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар ин самт аз як гиребон сар бароварда, якҷоя баҳри беҳсозии давомоти хонандагон, афзунгардии сифати таълим кӯшиш кунем. Дар ҳолати ба миён омадани баъзе ҳолатҳои ногувор дар байни муаллим ва донишомӯз, онро ба телевизион набароварда, дар доираи маҳдуд, бо ширкати маъмурияти мактаб, фаъолони маҳалла ва мутасаддиёни соҳа ҳаллу фасл намоем. Танҳо бо ҳамин роҳ метавонем обрӯ ва нуфузи муаллимро дар ҷомеа мустаҳкам намоем.

Дар поёни сухан, аз муштариёни рӯзнома, муаллимон ва падару модарон низ хоҳишмандем, ки дар ин маврид фикру мулоҳизаҳои худро ба суроғаи рӯзнома фиристанд. Беҳуда Мавлонои Балхӣ нагуфтааст:

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.*

**Ҳамза ҶӮРА,**
**узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон.**

***«Ӯзбекфилм» тӯли таърихи наздик якасрааш роҳи пуршаъно тай намуд. Шояд қитъае нест, ки филмҳои Ӯзбекистон то он рафта нарасида ва таваҷҷуҳи тамошогарони он сарзаминро ба худ ҷалб накарда бошад. Хусусан ба «Алишер Навоӣ», «Тоҳир ва Зуҳро», «Ту ятим не», «Саргузаштҳои нави Насриддин»,»Насриддин дар Бухоро», «Овозаҳо дар маҳалла», «Мафтуни туям», «Ёр-ёр», «Рӯзҳои гузашта», «Шодиёна», «Дуэл дар зери чанор» барин картинаҳо, ки истеҳсоли «Ӯзбекфилм» дар солҳои гуногунанд, тамошобинони як қатор кишварҳои хориҷӣ низ баҳои баланд додаанд. Нафаре, ки чанд сол пештар дар ИМА буд, гувоҳӣ медиҳад дар кинотеатрҳои он мамлакат ҳануз «Тоҳир ва Зуҳро»-ро намоиш медиҳанд.***

# НАҚШИ КИНО ДАР ҲАЁТИ МАЪНАВӢ-МАДАНИИ МАРДУМ

Ҳамкории филмофарони мо бо ҳамкасбҳои хориҷиашон низ таърихи ба худ хос дорад. Алалхусус ду картинае, ки кинососони ӯзбекистониву ҳиндустонӣ («Саргузаштҳои Алибобо ва чиҳил роҳзан» ва «Афсонаи муҳаббат», коргардонҳо Алӣ Ҳамроев ва Умеш Меҳра) офариданд, умри дароз дид. Баробар бо тамошобинони мо дӯстдорони кино дар як қатор кишварҳо ин ду киноасари хубро ҳамон тамошо мекунанд.

Студияҳо аз хориҷ чеҳраҳои намоёни кинои моро ба филмҳои худ таклиф ва ба ҳунарнамоии хуби санъаткоронамон баҳои баланд додаанд. Даҳҳо нақшофарони моро ба сифати актёри нотакрор берун аз мамлакат низ эътироф менамоянд. Набӣ Ғаниев ва Комил Ёрматовро, ки ба «Ӯзбекфилм» асос гузошта, асарҳои воқеии кино офариданд, ба сифати классики режиссураи аср дар як қатор кишварҳои олам хуб мешиносанд.

Дар солҳои истиқлолият низ кинои ӯзбек пеш рафт. Баробари филмҳои бадеии яккисмата чандин киноасар ва филмҳои телевизионии бисёрқисмата ба экранҳо баромаданд. Вале баробари комёбӣ норасоиҳо ба чашм расид. Миқдор афзуд, савия паст гашт. Ба кино баробари коргардону нақшофарони касбӣ ҳамонҳое ҷалб шуданд, ки дар соҳа таҷриба надоранд. Хусусан дар киностудияҳои хусусӣ эътибор ба сифати филмҳо суст гашт. Пештар барои офаридани як филм эҷодкорони воқеӣ чанд сол заҳмат кашанд, дар шароити нав мисле имконият фароҳам омад дар ду ё се ҳафта як филми бадеӣ арзи ҳастӣ кунад.

Дар давраи нави таърихӣ бошад, баробари дигар соҳаҳои санъат ба кино муносибат дигар гардид. Баҳри ривоҷи кинои миллӣ назар ба ҳарвақта эътибор зиёдтар гашт. Барои ворид шудани киноҳое, ки воқеан диққатҷалбкунандаанд, роҳ васеъ гардид. 7 августи соли 2017 ва 9 августи ҳамон сол ду қарори муҳими роҳбари давлат («Дар бораи чораҳои боз ҳам ривоҷ додани кинематографияи миллӣ» ва «Дар бораи ташкил намудани фонди ҷамоатии «Илҳом» баҳри дастгирии эҷодкорони Ӯзбекистон») ба имзо расид. Бо татбиқи амалии нуктаҳои ин ду ҳуҷҷати таърихӣ кинематографияи миллӣ ривоҷи тоза ёфт. Соҳа комёбиҳои чашмрасро ба даст овард.

Дар солҳое, ки ба воқеаҳои таърихӣ, хусусан рӯйдодҳои давраиҷангӣ (1941–1945) нигоҳҳо чандон холисона набуданд, ҳатто намоиши беҳтарин филмҳои аз корномаҳои ҷангии диловарони худӣ ҳикоякунанда («Генерал Раҳимов», «Сиҳат рав ва саломат баргард» ва ғайраҳо) аз намоиш боздошта шуда буданд. Хушбахтона, даҳҳо асарҳои воқеии кино дар бораи Ҷанги дувуми ҷаҳон ба экранҳо баргаштанд ва мисле умри дубора ёфтанд. Дар ин мавзӯъ филмҳои нав офарида шуданд, ки то ҳадде паҳлуҳои тозаи воқеаҳои давраиҷангӣ ва фидокории фарзандони ин сарзамин дар сангарҳои хунин ва меҳнати қаҳрамононаи онҳо дар ақибгоҳро равшан менамоянд. Алалхусус картинаи «Илҳақ» ба бинандагон бештар хуш омад.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шахсони маъруф аз ин диёр низ филмҳои зиёди бадеӣ (албатта, дар асоси такя ба ҳуҷҷатҳои таърихӣ) офарида шуданд. Бинанда то андозае ба рӯзгори ноҳамвори ҷадидҳо ва маърифатпарварон ва мубoризаи онҳо баҳри тантанаи илму адолат дар солҳои пурошӯб, айни замон, аз тариқи киноҳои бадеӣ шинос гашт.

Дар давраи роҳбарии Шароф Рашидов дар маркази пойтахт қасри бошукуҳи кино қад рост карда буд. Ин бино бо номи «Санъат саройи» ҳануз маълуму машҳур аст. Баробар бо як қатор иншооти ба чашм намоёни пойтахт Қасри кино низ дар рӯзҳои мо ҳашамати тоза пайдо кардааст. Бино соли 2021 аз таъмири мукаммал баровaрда шуд ва куллан симои замонавӣ касб кард. Толорҳои калон ва хурд, кинотеатри тобистона, ҳуҷраҳои таъмиршуда бо таҷҳизоти асрӣ таъмин гаштанд. Имконият фароҳам омад, кинотеатр дар як вақт 3 ҳазор нафар тамошобинро қабул намояд.

Соли 1972 бо унвони музей-бойгонӣ дар Тошканд осорхонае доири кино ташкил карда шуда буд. Ҳозир он ба дохили Қасри кино кӯчонда шудааст. Бештар аз панҷоҳ ҳазор ашёи таърихӣ, либос, сурат ва тасмаҳои кино дар музей маҳфуз дошта мешаванд. Намоишгоҳи хосаро мемонад ин музей, ки ду ошёнаро фаро гирифтааст. Дар ошёнаи аввал экспонатҳо доири таърихи кинои ӯзбек ва фаъолияти кинососони барҷаста ҷой гирифтаанд. Ҳамчунин марбут ба комёбиҳое, ки кинои миллӣ солҳои охир ба даст овардааст, дар ин ҷо маълумотҳо пайдо кардан мумкин. Дар ошёнаи дувум либосҳо дар филмҳои таърихӣ нигоҳ дошта мешаванд. Фаъолияти киноэҷодкорони машҳури замони мо низ дар экспонатҳо таҷассум ёфтааст.

Акнун касе, ки ба тамошои ин ё он филм омад, айни замон ба таърихи баъзе филмҳои миллӣ ва рӯзгори санъаткорони мо дар кино то андозае шинос шуданаш мумкин.

Мафҳумҳои кино ва таърих то андозае тавъам ва ҳамоҳанг мебошанд. Оиди офарида шудани филмҳо доири зиндагинома ва меҳнату мубoризаи як қатор шахсони таърихӣ гуфта гузаштем. Ҳаминро низ бояд илова кард нақшаи ин иқдом то соли 2030 корбаст шуда, яъне лоиҳаи филмҳо аз силсилаи «Таърихи зинда» аллакай омодааст. Картинаҳое, ки доири фаъолияти ибратбахши Шерак, Алп Эр Тӯнга, хонадони Темуриён ва Шайбониҳо мебошанд, офарида мешаванд.

Зимнан, дар амалӣ гардондани лоиҳа баробари эҷодкорони маҳаллӣ иштироки устодони санъати кино аз Ҳиндустон, Тоҷикистон, Русия, Чин, Ҷопон ва кишварҳои дигари олам мавриди назар аст.

Албатта, иҷрои нақшаҳои бузург мутахассисони соҳибтаҷриба ва дастгирии молиявиро талаб менамояд. Модоме кино аз самтҳои муҳими маънавияти рӯз ва қудрати бекиёси ба қалбу тафаккури мардум таъсиркунанда мебошад, давлати мо ғамхориву дастгирии ҳамаҷанбаро дар роҳи равнақи он дареғ намедорад.

Ба наздикӣ бинобар 60-солагии барпо карда шудани Қасри кино дар пойтахт таҳти мавзуи «Уфуқҳои санъати кинои Ӯзбекистони Нав» форум баргузор гардид. Иштирокдорони чорабинӣ ва мутахассисон баробари экспонатҳои нави музейи кино ба навгониҳо дар соҳа аз наздик шинос шуданд. Гуфта шуд як қатор картинаҳое, ки вақтҳои охир ба экран баромаданд, аз қабили «Якшанбе», «Чойи сабз», «Илҳақ», «Духтари ӯзбек», «Ду ҳазор суруди Фарида», «Мерос», «Абдулло Орифов»,«Баҳодур Ялангтӯш» эътибори дӯстдорони киноро ба худ кашиданд. Дар чанде аз ҷашнвораҳои байналхалқӣ иштирок карданд ва ба мукофотҳо сазовор дониста шуданд.

Намоиш бо унвони «Ӯзбекистони Нав – санъати нави кино», айни замон, диққати иштирокдорони форумро ба худ кашид. Дар доираи чорабинӣ филми ҳуҷҷатии «Сурудан, яъне зистан» намоиш дода шуд, ки он аз фаъолияти яке аз чеҳраҳои намоёни кинои ӯзбек, сароядаи нотакрор Ботир Зокиров ҳикоя мекунад.

Воқеан, чанде пеш маросими кушоиши муҷассамаи ин ҳунарвари маъруф дар назди Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон рӯйи кор омад ва дар он Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев иштирок намуд. Роҳбари давлати мо худи ҳамон рӯз аз Қасри кино низ дидан кард, экспонатҳои музейи киноро аз назар гузаронд, ба коргардон ва нақшофарон, киношиносу мутахассисони соҳа аз наздик суҳбат орост, фикр, таклиф ва мулоҳизоти онҳоро шунид, ба корҳои пешистодаи онҳо муваффақият хост. Воҳӯрӣ бо сарвари мамлакат ба киноэҷодкорон руҳбаландӣ бахшид. Президент гуфт, ҳарчанд душвор, мо масъалаи молиявии лоиҳаи силсилафилмҳои «Таърихи зинда»-ро ҳал менамоем, зеро дарк кардани гузашта ва ифтихор ба аҷдод ба фарзандони мо таъсири нек хоҳад гузошт, дуруст фаҳмидани киноасарҳои таърихӣ имкон медиҳад ҷавононамонро ҳамчун ватанпарварони ҳақиқӣ ба воя расонем, умед ҳаст лоиҳа ба барпои Ренессанси Сеюм такон бахшад...

Ғамхориҳои давлат имкон медиҳанд ба равнақи кинои миллӣ, ки дар ҳаёти маънавӣ-мадании халқи мо нақши муҳим мебозад, роҳи васеътар кушода шавад.

**М.ШОДИЕВ.**




# ДАР ЯНГИЕР «ТЕХНОПАРКИ САНОАТИ ҶАВОНОН» КУШОДА ШУД



*Дар филиали Янгиери Институти кимё-технологияи Тошканд «Технопарки саноати ҷавонон» ба фаъолият сар кард, ки «Мактаби муҳандисҳои пешқадам» ва «Технопарки энергетикӣ»-ро фаро гирифтааст.*

*Дар маросими кушоиши он ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев, роҳбарони секторҳо, профессорон, муаллимон, ҷавонон ва вакилони ҷомеавӣ иштирок карданд.*

*Чи тавре ки қайд карда шуд, дар технопарке, ки арзиши лоиҳавиаш 1 миллион доллари ИМА мебошад, 6 корхона ҷойгир аст, ки ба истеҳсоли шоколад, консерва, нон ва маҳсулоти нонӣ ва коркарди меваю сабзавот ихтисосонида шудааст.*

*Инчунин, дар ин ҷо таҳти ҳамкорӣ бо ширкати чиноии «Tianjin Sianjin Power Supply Technology» истеҳсоли телефонҳои мобилӣ, қувватдиҳанда ва ускунаҳои дигари мобилӣ ба роҳ гузошта шудааст. Аҳамиятнок боз он аст, ки дар технопарк дар давоми соли таҳсил аз рӯи бештар аз 20 фанҳои ихтисосӣ машғулоти амалӣ ташкил карда мешавад.*

*Дар ин ҷо айни замон аз рӯи 15-то диссертатсияҳои магистрӣ, 8-то PhD ва 1-то DcS корҳои тадқиқотии илмӣ пеш бурда мешаванд.*

*Оянда 170 нафар донишҷӯёни филиал дар ҳамин ҷо ба кори доимӣ таъмин карда мешаванд.*

***Дар сурат:*** *дар «Технопарки саноати ҷавонон»-и Янгиер.*

***Суратгир:***
***Ш. ОРТИҚБОЕВ (ӮзА).***

# МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ МЕАФЗОЯНД

***Соли 2017 дар ноҳияи Ҷондор ҷамъ 22-то муассисаи таълими томактабии давлатӣ мавҷуд буд ва он фақат 18 фоизи бачагони синни томактабиро фаро гирифта метавонист.***

Як сол муқаддам шумораи муассисаҳои мазкур дар ноҳия ба 32, муассисаи томактабии оилавӣ ба 120, давлатию хусусӣ бошад, ба 11-то расид. Ҳоло дар ноҳия қариб 75 фоизи бачагони синни томактабӣ ба боғчаҳо ҷалб шудаанд. Бо мақсади аз таълими томактабӣ баҳраманд шудани ҳудудҳои ҷудогона чораю тадбирҳо меандешанд.

Ба қарибӣ бо ташаббуси соҳибкор Нафиса Тӯлаева дар маҳаллаи «Чорзона»-и ноҳия муассисаи таълими томактабии оилавии «Фирӯзабону» созмон ёфт. Дар маросими ба истифода супоридани он масъулони соҳа, собиқадорони меҳнат, падару модарон ва фаъолони маҳалла иштирок карданд. Басуханбаромадагон бо ин комёбӣ муборакбод намуданд. Лентаи рамзӣ бурида шуд ва ҷамъомадагон бо имкониятҳои фароҳамоварда-шуда аз наздик шинос шуданд. Дар навбати худ хурдтаракон бо шеъру сурудхонӣ меҳмононро хушнуд намуданд.

Ҳамин тариқ, миқдори умумии боғчаҳои ноҳия ба 170 расид.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»дар вилояти Бухоро.**

*Сайёҳӣ*

# САЁҲАТ БА ШАҲРҲОИ КУҲАН

***Ба қарибӣ якчанд ҳамсинф - дугонаҳо ба саёҳат баромадем. Ду шаҳри азим, ду шаҳри таърихиву бостонӣ – Самарқанду Бухороро зиёрат кардем.***

Ин ду шаҳри машҳур, нафақат аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ, балки аз ҷиҳати сайёҳӣ низ маълуму машҳур мебошанд. Дар бораи онҳо борҳо навиштаанду нақл карда, аз тариқи «оинаи ҷаҳон» бисёр нишон додаанд. Вале, беҳуда «шунидан кай бувад, монанди дидан» нагуфтаанд.

Сафар ба ин шаҳрҳои куҳан барои қисми зиёди мо аввалин буд. Пагоҳии барвақт аз Чуст ба роҳ баромадаву бо мошин 9 соат роҳ тай карда, ба Самарқанд расидем.

Баъди дамгирӣ ба майдони Регистон баромадем. Самарқанди азимро бесабаб «Сайқали рӯйи Замин» нагуфтаанд. Хушбахтона, шабона ба тамошои майдони машҳури Регистон, ки мардуми оламро мафтун кардааст, мушарраф шудем.

Мадрасаҳои Тиллокорӣ, Шердор ва Улуғбек, ки бо чароғҳои равшанидиҳанда пурҷозибатар шудаанд, манзараи аҷиб доштанд.

Субҳи рӯзи дуюми сафарамон обидаҳои таърихии шаҳр, аз ҷумла маҷмӯаҳои ёдгории Гӯри Амир, Шоҳизинда, Бибихонумро тамошо кардем. Дар ҷараёни сафар дар зиёратгоҳи Имом ал-Бухорӣ шудем, он ҷо корҳои сохтмон идома доранд. Ходими маҷмӯа дар бораи ин шахсияти машҳур маълумот дод. Баъди зиёрати «Ҳазрати Довуд» роҳи Бухорои шарифро пеш гирифтем.

Маҷмӯаҳои ҳафт пирро бо навбат зиёрат кардем. Дар маҷмӯаи асосгузори тариқати Нақшбандия Баҳовуддин Нақшбанд доир ба ҳаёт ва фаъолияти Пири Нақшбанд ва тариқати ӯ маълумот гирифтем.

Дар маркази шаҳр бо маҷмӯаҳои ёдгорӣ ва таърихии Лаби Ҳавз, ҳайкали Насриддин Афандӣ, Манораи Калон, Арки Бухоро, Мақбараи Исмоили Сомонӣ, Чашмаи Айюб ва ғайра шинос шудем. Бухоро бо тамоми зиёратгоҳҳо, мақбара ва ёдгориҳои таърихиаш ба мо – сайёҳон таассуроти нек гузошт.

Санъати меъморӣ ва иморатсозии гузаштагонамон, ки дар маҷмӯаҳои таърихиву ёдгории Самарқанду Бухоро истифода шудаанд, моро мафтун карданд. Бо шарофати истиқлолият дар ин шаҳрҳои бостонӣ бисёр ободиву дигаргуниҳо амалӣ шудаанд, ки тамошобинро хурсанд ва мафтун месозанд.

Хулоса, саёҳат ва боздид аз ин шаҳрҳои азизу мукаррам дар тарбияи фарзандон аҳамияти муҳим дорад. Онҳо бояд бо аҷдоди бузург ва корҳои неку хайри эшон шинос ва пасовандони ба ниёгони худ муносиб шаванд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

